*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва*
*иқтисоди Тоҷикистон*
*(ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Олимбекзода Фахрия Олимбек дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Дар шароити муосир беҳтар намудани сифати хизматрасонии бонкӣ ва таҳким бахшидан ба низоми идоракунии тартиби пешниҳоди он масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад. Зеро, хизматрасониҳои бонкӣ воситаи асосие ба шумор мераванд, ки тариқи он тиҷорати бонкӣ татбиқ гардида, даромаднокӣ таъмин ва талаботи муштариён қонеъ карда мешавад. Ташкили низоми босамари хизматрасониҳо барои ташкилотҳои қарзӣ бояд аз ҷанбаҳои афзалиятноки фаъолият маҳсуб ёфта, такмили ҳамаҷонибаи он пайваста дар мадди назар қарор дода шавад. Дар ин замина, ташаккул ва рушди самтҳои муҳимми низоми хизматрасониҳои бонкӣ, такмили дастрасии аҳолӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ тариқи фосилавӣ ва тақвияти асосҳои институтсионалӣ боиси ташаккули муносибатҳои молиявию иқтисодии мамлакат маҳсуб меёбад. Аммо, дар шароити кунунӣ зарурияти мукаммалгдории низоми хизматрасониҳои бонкӣ бо роҳи тақвияти фаъолияти инноватсионии ташкилотҳои қарзӣ ба миён омада, коркарди стратегияи рушди соҳа ба мақсад мувофиқ мебошад.

Аз ҷониби муаллиф ҷанбаҳои назариявии низоми хизматрасониҳои бонкӣ ва моҳияти иқтисодии он мавриди омӯзиш қарор гирифта, асосҳои назариявии ташаккул ва рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ, гуруҳбандии онҳо ва амалиёти бонкӣ дар низоми хизматрасониҳо, баҳодиҳии рушди низоми хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои афзалиятноки рушди низом шарҳ дода шудааст.

Муаллиф бамаврид қайд менамояд, ки бидуни рушди маҳсулотҳои бонкӣ татбиқи самараноки хизматрасониҳои бонкӣ мушкил мебошад ва дар ҳамин асос зарур аст, ки тақвияти хизматрасониҳои бонкӣ дар заминаи коркарди маҳсулотҳои нави бонкӣ амалӣ карда шавад (саҳ.14).

Таҳқиқоти анҷомёфта аз рӯйи навгониҳои илмӣ тафовут дошта, муаллиф пажӯҳиши амиқу назаррасро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Мазмун ва

моҳияти он ба асосноккунии назарияи мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ чун омили рушди бозори молиявӣ равона шудааст. Дар доираи таҳқиқот самтҳои асосии низоми хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун механизми муносибати бисёрҷониба миёни ташкилотҳои қарзӣ, аҳолӣ ва дигар субъектҳои иқтисодиёт аз нигоҳи назариявӣ баррасӣ гашта, илова ба ин моҳияти иқтисодии истилоҳоти ба низоми хизматрасониҳои бонкӣ тааллуқдошта пешниҳод карда шудааст. Ҳамзамон, тавсеаи муҳаққиқ бобати ба тартиб даровардани фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар асоси такмилдиҳии санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, коркарди маҳсулотҳои бонкии инноватсионӣ, пешниҳоди маҳсулотҳо ба воситаи сомонаҳои расмӣ, такя намудан ба рақамикунонии маҳсулотҳо ва васеъ гардонидани доираи фарогирии хизматрасониҳои бонкӣ пешниҳод шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот сохтори муассисаҳои бонкӣ, раванди тақвияти инфрасохтори хизматрасониҳои бонкӣ вва нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ дар низоми хизматрасониҳои бонкӣ шарҳи дода шудааст. Зикр мегардад, ки таваҷҷуҳи ташкилотҳои қарзӣ бояд ба самти истифодаи технологияи инноватсионӣ ва дастрас намудани маҳсулотҳои бонкӣ тариқи фосилавӣ бештар гардад (саҳ. 27).

Дар автореферати диссертатсия муфассал воҳидҳои сохтории низоми бонкӣ ва вазъи фаъолияти онҳо, инчунин омилҳо ва сабабҳои ба сифати хизматрасониҳои бонкӣ таъсиррасон оварда шудааст, ки ҷиҳати таъмини сатҳи рақобатпазирӣ бояд дар баробари таҳкими сифати хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, инчунин масъалаи ҷаззобияти ташкилоти қарзӣ низ ба инобат гирифта шавад (саҳ. 33). Коркарди дурнамои рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар автореферати диссертатсия таҳия гардида, аз ҷумла қайд шудааст, ки низоми хизматрасониҳои бонкӣ, ки дар доираи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ амалӣ гардида, барои рушди иқтисоди миллӣ, таҳкими муносиботи молиявию қарзӣ ва густариши фарогирии молиявӣ дар мамлакат нақши асосиро иҷро менамояд, дар раванди тақвияти низоми хоҷигидорӣ аҳамияти калон дорад (саҳ. 35).

Натиҷаҳои бадастовардашудаи таҳқиқоти илмӣ дар асоси муқаррароти пешниҳодгардида ва самтҳои муҳимми рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ бо усули таҳлили иқтисодӣ–риёзӣ зимни истифодаи нишондиҳандаҳо асоснок шудаанд. Сарфи назар аз он, мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия мусбӣ арзёбӣ мегардад, аммо якчанд суолҳоро ба миён меорад:

1. Аз нуқтаи назари илмӣ муҳтавои автореферати диссератсия боз ҳам пурра мегардид, агар муаллиф сатҳи пасти дастрасии хизматрасониҳои рақамии бонкиро зимни татбиқи фаъолияти инноватсионии муассисаҳои бонкӣ таҳқиқ менамуд;

2. Хуб мешуд, дар таҳқиқоти гузаронидашуда масъалаҳои вобаста ба татбиқи таҷрибаҳои давлатҳои хориҷи кишвар дар ҷорӣ намудани технологияҳои молиявӣ (Financial tehnology) низ мавриди омӯзиш қарор медод.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда ба мазмун ва муҳтавои илмии таҳқиқот таъсир намерасонад. Автореферати диссертатсияи Олимбекзода Фахрия Олимбек дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сатҳи баланди илмӣ омода шуда, ба талаботҳои бандҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ҷавобгӯй мебошад. Муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
котиби илмии Институти иқтисодиёт
ва демографияи Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон,
номзади илмҳои иқтисодӣ Обидова М. Р.

Имзои Обидова М.Р.-ро тасдиқ менамоям,
инспектори калон оид ба кадрҳои Институти
иқтисодиёт ва демографияи Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон Махсутшоева З. Д.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ